# PLITONIT Таҳранги хушк

## Таҳранг консентрат 1:15




650 гр

- ✓ То 10 л таҳранги ба татбиққунӣ омода
- ✓ Адгезия бо рӯйпӯшкуниҳои баъдинаро баланд мекунад
- ✓ Пастшавии ҷаббиши оби асос ҳатто ҳангоми молидани 1 қабат
- ✓ Сарфакорӣ ҳангоми истифода
- ✓ Беранг баъд аз хушк шудан

**ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ**

# Таҳранг консентрат барои корҳои беруна ва дохила

Боргирии дастурамал дар забони дигар/
Download the manual in another language
kz | az | uz | tj | kg | tm | am | ge | mn

### Соҳаи татбиққунӣ

PLITONITтаҳранги хушк барои омодакунии таҳрангҳои моеъ барои омодакунии деворҳо, фаршҳо ва шифтҳо дар асоси сементӣ, сементӣ-оҳакӣ ё ки гаҷӣ, варақҳои гаҷтахтагӣ пеш аз татбиқи омехтаҳои маҳлулӣ дар асоси сементӣ ё ки гаҷӣ, дар пайвасткунандаи полимерӣ, инчунин пеш аз рангборкунӣ ва часпонидани гулкоғазҳо бо мақсади беҷангкунии асос, пасткунии ҷаббиши об, бартарафкунии ҷараёни пеш аз вақти намӣ аз омехтаи маҳлулӣ пеш аз гузаронидани корҳои дарунӣ ва берунӣ таъин гардидааст.

| Намудҳои қабатҳои баъдина | Деворҳо |
|---|---|
| Ширеҷ барои лавҳа ва керамогранит | + |
| Андовакунӣ / ғӯрагаҷ дар асоси гаҷӣ, сементӣ ва полимерӣ | + |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ, гаҷӣ ё ки маҷмуавӣ | + |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси эпоксидӣ | — |
| Ранг / гулкоғазҳо | + |
| **Намудҳои асос** | **Деворҳо** |
| Оҳан, оҳану бетон, блокҳои ҳуҷайрадор, хишт, лойи андова / ғӯрагаҷ дар асоси гаҷ, семент ё ки полимерӣ, ПГП, фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ, гаҷӣ ё ки маҷмуавӣ | + |
| ГКЛ, ГВЛ, СМЛ | + |
| ЦСП, OSB, фанера | — |
| Асосҳои суст ва бӯршаванда (андовоҳои кӯҳнаи бӯршаванда, асосҳои бетонӣ ва кашишҳои нимхушк бо мустаҳкамӣ ба фишор на камтар аз 10 МПа) | — |

### Омодакунии асос

Пеш аз таҳрангкунӣ сатҳро аз чанг, ифлосӣ, равған тоза кунед. Қитъаҳои кӯҳна ва номустаҳками рӯйпӯшро бодиққат нест кардан лозим аст.

### Тартиби иҷрои корҳо

| | |
|---|---|
| 1 | Таҳранги моеъро тибқи қисмати «Усули омодакунӣ» омода кунед. |
| 2 | Таҳрангро ба асос бо чӯтка ё ки набардча молед. Ҳангоми таҳрангкунии сатҳҳои уфуқӣ ба пайдошавии кӯлмакҳо роҳ надиҳед. |
| 3 | Баъд аз 120 дақиқа (ё ки бештар) баъд аз молидани таҳранг ҷаббиши асосро тафтиш кунед, агар дараҷаи ҷаббиши асос кофӣ бошад (қатраи об дар асоси уфуқӣ беш аз 15 дақиқа ҷаббида намешавад, ё ки дар ҳолат бо асоси амудӣ - ҷаббида нашуда пурра ҷорӣ мешавад) - ба корҳои баъдина гузаштан мумкин аст (ба қисмати «Ҷаббидашавии асосро чӣ тавр бояд тафтиш кард» нигаред). |
| ! | Агар ҷаббидашавии асос баъд аз таҳрангкунӣ ба 1 қабат баланд монад - таҳрангкунӣ бо қабати дуюмро гузаронед. |

### Усули омодакунӣ

Барои омодакунии таҳрангкунӣ PLITONIT Таҳранги хушкро бо об омехта кардан лозим аст.
Дараҷаи омехтакунӣ 1:10 (ба як қисми таҳранг - 10 қисми об аз рӯи вазн) барои асосҳои сахт ҷаббанда (газо-пенобетонҳо, керамзитблокҳо, андовахои гаҷӣ ва ПГП ва ғайра) ё ки 1:15 барои асосҳои сементӣ, ГКЛ, ГКЛВ, СМЛ.

Омодакунии таҳрангҳоро бо усули механизатсия бо татбиқи парма бо мулҳақа дар суръати на беш аз 600 гардиш/дақиқа гузаронед.
Омехтакуниро дар давоми 20-30 сония гузаронед, 5 дақиқа таҳшиншавиро интизор шуда, омехтакунии такрориро гузаронед.
Вақти истифодабарии таҳранг – тақрибан 240 дақиқа.
Дар давоми истифодабарии таҳранг давра ба давра омехта кунед, на камтар аз як маротиба дар 60 дақиқа бо усули механизиронидашуда.

**Чӣ тавр тафтиш кардани қобилияти ҷаббиши асос**

| Дар сатҳи уфуқӣ | Дар сатҳи амудӣ |
|---|---|
| Баъд аз 120 дақиқа (ё ки дертар) баъд аз таҳрангкунии сатҳ ба асос якчанд қатра обро ба якчанд ҷой резед | Бо ёрии пулверихатор, чӯтка ё ки губка обро ба асос, дар баландии 1,5 м аз пол обро зиёд молед |
| Агар қатра ба асос на кам аз 20 дақиқа ҷаббида ҳавад, қабати дуюми таҳрангро молидан лозим аст | Агар об, дар девор ба поён ҷорӣ шуда, ба асос пурра ҷаббида шавад, қабати дуюми таҳрангро молидан лозим аст |
| Агар қатра дар асос бештар аз 20 дақиқа нигоҳ дошта шавад ва ҷаббида нашавад, ба корҳои баъдина гузаштан мумкин аст | Агар об ҷорӣ ва ҷаббида нашавад, ба корҳои баъдина гузаштан мумкин аст |

### Тавсифномаи техникӣ

| | |
|---|---|
| Ранг (дар намуди хушк ва бо об омехтакардашуда) | Сафед |
| Ранг дар асос, баъд аз молидан | Беранг |
| Вақти хушкшавӣ, дақ | 60 - 120 |
| Хароҷот ба м², мл (таҳранги омехтакардашуда) | 100 - 200 |
| **Сатҳи омехтакунии об** | **Таносуб** |
| Барои таҳрангкунии асосҳои сахт ҷаббанда (газо-, пенобетонҳо, керамзитблокҳо, андовахои гаҷӣ ва ПГП ва ғайра) | 1:10 |
| Барои таҳрангкунии асосҳои сементӣ, ГКЛ, ГКЛВ, СМЛ ва асосҳои дигари суст ҷаббанда | 1:15 |

### Шартҳои гузаронидани корҳо

Ҳарорати ҳаво, асос ва таҳранги барои татбиқ омода дар вақти гузаронидани корҳо бояд на кам аз +5°С бошад. Ҳангоми истеҳсоли корҳои беруна сатҳи коркардшударо аз боришоти атмосферӣ то лаҳзаи хушк шудан муҳофиза кардан лозим аст.

### Диққат

Дар ҷараёни гузаронидани корҳо давра ба давра омехтакунии таҳранг тавсия дода мешавад (на камтар аз як маротиба дар 60 дақиқа). Асбобҳо ва зарфҳоро дархол баъд аз татбиқ бо об шӯед. Тавсифномаҳои нишондодашуда ҳангоми ҳарорати муҳити атроф 20±2°С, намнокии нисбии ҳаво 60±10% эътибор доранд. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастурамалҳо оид ба бурдани корҳои умумисохтмонӣ ва техникаи бехатарӣ дар сохтмон дастур бояд гирифт. Барои таҳрангкунии асосҳои суст ва мелшаванда (андоваи кӯҳнаи мелшаванда, асосҳои бетонӣ ва кашишҳои нимхушк бо мустаҳкамӣ ба фишор камтар аз 10 МПа) истифодабарии PLITONIT Грунт Мустаҳкамкунанда PROFI тавсия дода мешавад.

**Чораҳои эҳтиёт**

| |
|---|
| **Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнаҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред** |
| **Расидани омехта ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед ва ба духтур муроҷиат кунед** |
| **АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!** |

**Таркиб**

Хокаи редиспергатсияшавандаи полимерӣ, иловаҳои функсионалии реологӣ, пуркунандаҳои минералӣ, пигментҳо

**Ҳамлу нақл ва нигоҳдорӣ**

Таҳрангро дар нақлиёти намуди дилхоҳ, тибқи қоидаҳои кашонидани борҳо, ки дар намудҳои мутобиқи нақлиёт амал мекунанд, мекашонанд. Усулҳои истифодашавандаи кашонидан бояд имконияти ба он афтидани боришоти атмосфериро истисно кунанд, инчунин ҳифзи бандубаст аз зарарбинии механикӣ ва вайроншавии яклухтиро таъмин кунанд.

Дар бандубасти таъминкунандаи маҳфузии маҳсулот аз намӣ ва вайроншавии намуди берунии истеҳсолкунанда, дар биноҳои амбории намудҳои гуногун, дар масофаи на кам аз 1 м аз асбобҳои гармкунанда нигоҳ дошта шавад. Муҳлати нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда – 12 моҳ.

**Кафолати истеҳсолкунанда**

Истеҳсолкунанда мутобиқати омехтаро ба талаботи ШТ 23.99.12-001-51552155- 2019 ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад

**ХАДАМОТИ ДАСТГИРИИ**

**ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН**

8 (800) 555 - 71 - 67

www.plitonit.ru

e-mail: info@mc-bauchemie.ru